# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

- мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Асоев Сайёд Эмомалиевич актуалӣ буда, дар он бори аввал таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва дар баррасӣ ҳимояи он иҷозат дода шуд;
- мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 03.01.04 – Биохимияро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Банди** 11. Асосҳои физиологӣ ва биохимиявии устуворнокии растанӣ ба шароити стрессии муҳити зист. Физиология ва биохимияи мутобиқшавии растанӣ ба стресс;

**Банди** 17. Шаклҳои фаъоли оксиген дар растаниҳо, сохтор, синтез ва вазифаҳои онҳо. Системаи антиоксидантии растаниҳо;

**Банди** 5. Фотосинтез. Пигментҳо, омӯзиши таркиб ва нақши функсионалӣ. Асосҳои физиологӣ ва биохимиявии фотосинтез.

Диссертатсия дар Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Озмоишгоҳи «Химияи глитсерин»-и ба номи д.и.химия., профессор Б.Ҳ. Кимсанов, Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуҳои зерин: «Омӯзиши реаксияи Дилс-Алдер дар асоси фуллерен $C_{60}$ ва ҳосилаҳои глитсерин» (рақами ба қайдгирии давлатиаш 0114TJ 00359) ва «Ҳосилаҳои γ-аминокислотаи равғанӣ дар асоси эпихлоргидрин ва α-монохлоргидрин глитсерин: синтез, хосият ва истифодабарии он» (рақами ба қайдгирии давлатиаш 0119TJ01002) иҷро карда шудааст.

Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

- оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб, кори диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти васеъи химиявӣ–биохимиявӣ ва морфофизиологӣ, як қатор масъалаҳои

асосии илмӣ дар биохимия ва физиологияи растаниҳо, ки аҳамияти кишоварзӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Равиши методологии дар кори диссертатсионӣ татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии дар асоси он ба даст овардашуда, имкон дод, ки дар бораи самаранокии истифодаи методи нави химиявӣ-биохимиявии коркарди тухмиҳои гандуми навъи «Наврӯз» ва «Ватан» бо мақсади беҳдошти нашъунамо, ҳифзи ниҳолҳо аз омилҳои берунӣ, инчунин беҳтар кардани қадкашӣ ва инкишофи растаниҳо, ҳам дар вақти нашъунамо ва ҳам дар тамоми раванди рушд ба роҳ монда шавад.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар биология химия, биохимия ва физиологияи растаниҳо, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба афзоиш ва инкишофи растаниҳо дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

- дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия 1 нахустпатент, 27 мақола, аз ҷумла 8 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ, инчунин 19 мақола дар маҷмуаи конфронсҳо нашр гардидааст.

- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии бадастомада бо усулҳои замонавии физикӣ-химиявӣ ва биологии таҳқиқот, коркарди статикии натиҷаҳо таъмин ва асоснок карда шуд. Эътимоднокии натиҷаҳоро бо истифода аз методҳои стандартӣ, танзими амиқи таҷҳизоти ченгирӣ, такроршавии натиҷаҳо дар доираи васеи шароити беруна, мутобиқатии натиҷаҳои таҷрибавии таҷрибаҳои назоратӣ бо иттилооти дигар муалифон тасдиқ менамоянд. Эътимоднокии натиҷаи бадастовардашуда бо истифода аз методҳои муосири химиявӣ-биохимиявӣ: ИС-, Масс-спектроскопия ва таҳлили хроматографияи маҳинқабат ва баландэфект таъмин ва асоснок карда шудааст.

- комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад, ки диссертатсия ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад;

- комиссияи экспертӣ ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ва **муассисаи пешбар**, пешниҳод менамояд;

**Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич -** доктори илмҳои тиб, узви вобастаи АМИТ, сарходими озмоишгоҳи фармакологияи Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи АМИТ;

**Атоев Муҳаммадиршод Ҳизбуллоевич** - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба сифати **муассисаи пешбар -** Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ тавсия дода шавад.

- комиссияи экспертӣ барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссия ва ДМТ иҷозат медиҳад;

- нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия, хулоса пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 03.01.04 – Биохимия мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич** - доктори илмҳои тиб, узви вобастаи АМИТ, сарходими озмоишгоҳи фармакологияи Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи АМИТ;
- **Атоев Муҳаммадиршод Ҳизбуллоевич** - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар -** Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ тавсия дода шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ
узви вобастаи Академияи
милии илмҳои Тоҷикистон — Алиев Қ.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, професор — Эргашев А.

доктори илмҳои химия — Раҳмонов Р.О.

«09» 06 соли 2025.